23347 - Ҳукми бӯсидани модари зан (модарарӯс, хушдоман)

савол

Ҳукми салом ва бӯсидан аз рухсораҳову гардани модари зан аз рӯи Шариъат чист? Лутфан далелҳои онро аз Қуръону суннат зикр кунед.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Кушодани чеҳраи модарарӯс дар назди шавҳари духтараш бидуни ихтилоф ҷоиз аст. Аммо дар мавриди бӯсидани модарарӯс, ҷоиз нест, ки аз даҳонаш бӯса бикунад, зеро дар ин амал хатари барангехта шудани шаҳват вуҷуд дорад. Аммо агар ба муносибати бозгашт аз сафар ва монанди он, аз рӯи эҳтиром аз сару пешониаш бибӯсад, дар ҳоле ки хатари барангехта шудани шаҳват набошад, ҳеҷ боке надорад. Аллоҳ донотар аст".

Фатвои Шайх Муҳаммад ибни Иброҳим.